# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертасияи Тоирзода Суҳроб Тоир дар мавзуи **«Арзёбии хосиятҳои физикию механикии массивҳои атрофи нақбҳои гидротехникии истифодашавандаи баландфишор»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) пешниҳод гардидааст

Автореферати диссертатсияи мазкур мавзуи муҳим ва рӯзмарраеро баррасӣ карда, ба масъалаи арзёбии хосиятҳои физикию механикии массивҳои атрофи нақбҳои гидротехникии истифодашавандаи баландфишор бахшида шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Рушди соҳаи сохтмони иншоотҳои гидротехникӣ, ки бо тараққиёти умумии қувваҳои истеҳсолкунанда иртибот доранд ва дар назди маркшейдерон, лоиҳакашон, бинокорон ва хадамоти истифодабарии иншооти гидротехникӣ вазифаҳои торафт мураккабу масъулиятнокро мегузоранд.

Сарбориҳои муосири техногенӣ ба массаҳои ҷинсҳои кӯҳӣ ба дараҷае расидаанд, ки онҳо аксар вақт равандҳо ва падидаҳои шаклдигаркунандаро дар ҷинсҳо ба вуҷуд меоранд, ки барои иншоот ва муҳити зист хатарноканд. Бидуни таҳлилу омӯзиши ин оқибатҳо ва пешгирӣ намудани онҳо тараққиёти минбаъдаи гидротехникаи калон имконнопазир аст.

Аз ин лиҳоз масъалаи мазкур аз ҷониби диссертант мубрам арзёбӣ шуда, такмил додани усулҳои мавҷудаи омӯзиши ҷинсҳои кӯҳӣ ва, пеш аз ҳама, омӯхтани хосиятҳои физикию механикии ҷинсҳо дар шароити хобиши табиии онҳо вазифаи таъхирнопазир ва муҳим шуморида шудааст.

**Аҳамияти амалӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби муассиса ва ташкилотҳои сохтмониву истифодабарии иншоотҳои гидротехникӣ дар амалияи банақшагирӣ, ташкил ва идоракунӣ васеъ истифода шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсия дорои аҳаммияти амалӣ буда, метавонанд ҳамчун асоси илмӣ барои таҳияи барномаҳои маҷмуии таҳқиқу арзёбии хосиятҳои физикиву механикии массивҳои атрофи нақбҳои гидротехникии истифодашавандаи баландфишор мавриди корбурди васеъ қарор гиранд.

**Бо вуҷуди ҷиҳатҳои мусбат, ба якчанд ҷанбаҳои аз назари мо заиф ишора мекунем, ки ислоҳпазир мебошанд:**

- Дар матни тавзеҳотии диссертатсия баъзан хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.
- Агар дар бахши муқаддимавӣ дараҷаи омӯзиши мавзуи мазкур аз ҷониби олимони хориҷӣ хуб дарҷ гардида бошад, ба таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ камтар ишора шудааст;

- Баъзан барои ифодаи як мафҳуми илмии соҳа ду истилоҳи ҳаммаъно ба тариқи мувозӣ кор фармуда шудааст.

Дар маҷмуъ таҳқиқи автреферети диссертатсия бо забони илмии тоҷикӣ навишта шуда, аз ҷониби мо мусбат баҳогузорӣ мегардад. Мутолиаи он аз сатҳи касбияти баланди муаллифи диссертатсия шаҳодат медиҳад. Рисолаи мазкур на танҳо дорои аҳаммияти илмӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ дорад, ки муҳаққиқони соҳа аз он метавонанд истифода баранд.

Хулоса, рисолаи Тоирзода Суҳроб Тоир дар мавзуи «Арзёбии хосиятҳои физикию механикии массивҳои атрофи нақбҳои гидротехникии истифодашавандаи баландфишор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби ба расмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовор ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои техникӣ, мудири
кафедраи фанҳои муҳандисии
Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М. Назаршоев Ҷонмамад М.Т.

**Суроғаи зист:**
736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хоруғ, кӯчаи С. Насуллобек,
бинои 292. Тел: (+992) 93 955 27 17
E-mail: mohrujonmamadova@mail.ru

Имзои н.и.т., мудири кафедраи фанҳои муҳандисӣ Ҷонмамад Моҳру Тоҳирро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДХ
ба номи М.Назаршоев Саидраҳмонов Н.С.

**Суроғаи муассиса:**
736000, ш. Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур 109.
Тел: 2-45-79; 2-22-48; E-mail: ksu.khorog@mail.ru

«07» 05 соли 2026